**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№1**

**аз 24 феврали соли 2005** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011, №3 ворид карда шудаанд)***

Мукаррароти кисми 1 моддаи 20 Контситутсияи (Сарконуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди он, ки ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани хукми суд дар содир кардани чиноят гунаҳгор дониста намешавад, ба зиммаи судҳои ҷумҳурӣ масъулияти пурраи дуруст татбиқ намудани чораҳои ҷазоро ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудаанд, мегузорад.

Таъин намудани ҷазои қонунӣ, асоснок ва одилона, яъне ҷазои ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамьиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ барои пешгирӣ намудани ҷиноягирӣ ва пурзӯр намудани тартиботи ҳуқуқӣ тадбири зарурӣ буда, таъсирнокии лозиман чораҳои ҷазоро таъмин менамояд ва барои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав чӣ аз тарафи маҳкумшудаҳо ва чӣ аз ҷониби шахсон дигар мусоидат мекунад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки судҳо асосан чораҳои ҷазои ҷиноятиро дуруст татбиқ менамоянд. Дар баробари ин, на хама вақт талаботҳои муносибати фардӣ ба интихоби намуд ва андозаи ҷазо бар асоси баҳисобгирии хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чиноятӣ содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, риоя карда мешаванд.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки аз ҷониби судҳо ба судшаванда бе назардошти хусусияти ин ё он намуди чиноят ва ҳолатҳои мушаххасе, ки зимни онҳо кирдори ҷиноӣ содир шудааст, ҷазо таъин карда мешавад. Дар баъзе хукмҳо интихоб кардани ин ё он чораҳои ҷазо нисбати судшавандаҳо асоснок карда намешавад.

Бинобар қабул шудани Кодекси нави ҷиноятии (минбаъд КҶ) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид гардидани тағйироту иловаҳои назаррас ба тартиби ҷазову қоидаи таъини ҷазо ва бо мақсади дурусту ҳаматарафа татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки судҳо бояд ҷазоро дар доираи пешбиникардаи моддаи қонуне, ки ҷавобгариро барои содир кардани ҷиноят пешбинӣ намудааст, мувофиқан аниқ аз рӯи қоидаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуда, вазифадоранд онро ба асос гиранд, ки ҷазо ва танҳо чораи маҷбуркунии давлатист, балки он бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав чӣ аз тарафи маҳкумшудаҳо ва чӣ аз тарафи шахсони дигар, татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 8 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд.

2. Диққати судҳо ба зарурати бемайлон иҷро гардидани талаботҳои қонун оиди

муносибати ҷиддии фардикунонӣ ҳангоми таъини ҷазо бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои кор, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдида аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, равона карда шавад.

Ҳангоми муайян кардани хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бояд онро ба асос гирифт, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда аз обьектҳое, ки ба онҳо қасд равона шудаасту суд онҳоро муайян кардааст, шакли гуноҳ ва бо Кодекси ҷиноятӣ ба категорияи дахлдори ҷиноят мансуб донистани кирдори ҷиноятcorrecting кирдори ҷиноятkорона (моддаи 18 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) вобаста аст. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бошад, бо ҳолатҳое, ки дар мавриди онҳо кирдори ҷиноии мушаххас содир шудааст (масалан, дараҷаи амалӣ намудани нияти ҷиноятkорона, тарзи содир гардидани ҷиноят, андозаи зарар ё вазнини оқибатҳои баамаломада, нақши судшаванда ҳангоми дар шарикӣ содир намудани ҷиноят), муайян карда мешавад.

3. Бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии чамъиятии содиршуда ва маълумотҳо оиди шахсияти судшаванда ба суд лозим аст масъалаи таъин намудани ҷазои нисбатан вазнини бо қонун пешбинишударо нисбати шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳӣ шахсон, гурӯҳӣ шахсони бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳӣ муташаккил, иттиходи ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, дар ҳолати ретсидив, агар ҳолатҳое, ки аз рӯи қонун сабук кардани ҷазоро тақозо менамоянд, муқаррар нашуда бошад, гунаҳгор дониста шудааст, муҳокима намояд.

Дар баробари ин, бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси кор, маълумотҳои мансуб ба шахсияти гунаҳгор бояд имкониятҳои бо қонун пешбинигардидаи таъини чазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набударо нисбати шахсоне, ки дар содир кардани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна гунаҳгор мебошанду қобилияти аз чамьият ҷудо нагардида ислоҳ шуданро доранд, истифода карда шаванд.

4. Судҳо бояд маълумотҳоро оиди шахсияти судшаванда, бо назардошти аҳамияти муҳим доштани онҳо, барои муайян кардани намуд ва андозаи ҷазо ҳаматарафа, пурра ва объективона таҳқиқ намоянд. Аз он ҷумла бояд рафтори судшаванда дар истеҳсолот ва оила, қобилияти меҳнатӣ, ҳолати саломатӣ, вазъи оилавӣ, маълумотҳои оиди доғи судӣ, муайян карда шаванд.

Маълумотҳое, ки бо парванда муқаррар шудаанду судшавандаро аз ҷиҳати манфӣ тавсиф мекунанд (суиистеъмоли машруботи спиртӣ, муносибати нохуб ба оила, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра), бояд ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифта шаванд, зеро онҳо ба шахсияти гунаҳгор мансуб буда, ба ҳолатҳои вазнинкунандаи чазо, ки дар моддаи 62 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, иртибот надоранд.

5. Ба диққати судҳо расонида шавад, ки агар санксияи қонуне, ки бо он шахс гунаҳгор дониста мешавад, дар баробари ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазоҳои нисбатан сабуктарро пешбинӣ намояд, ҳангоми ҳукм баровардан бояд масъалаи таъини ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда, аз ҷумла, корҳои ҳатмӣ, ҷарима, корҳои ислоҳӣ ва амсоли инҳо муҳокима карда шавад.

Дар ин маврид ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷумла, ба мӯҳлатҳои кӯтоҳ дар ҳолате бояд таъин карда шавад, ки агар бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси кор ва шахсияти гунаҳгор суд ба хулоса ояд, ки таъин намудани дигар намуди ҷазо номумкин мебошад. Дар ин ҳолат, таъин намудани ҷазои махрум сохтан аз озодӣ бояд дар ҳукм асоснок карда шавад.

6. Мутобиқи талаботи қонун судҳо бояд ҳолатҳоеро, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, ошкор намуда, ҳангоми ба гунаҳгор таъин намудани ҷазо онҳоро ба инобат гиранд ва дар ҳукм дарҷ намоянд.

Судҳо бояд талаботи қонунро оиди он, ки дар сурате ки ин ё он ҳолати дар қонун сифати сабуккунанда ё вазнинкунандаи чазо пешбинишуда дар моддаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба сифати яке аз аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошаду аммо онро ҳангоми таъин намудани ҷазо барои ҳамин ҷиноят такроран ҳамчун ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо бо назар гирифтан номумкин риоя намоянд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки номгӯи ҳолатҳои вазнинкунандаи дар моддаи 62

КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдшуда мукаммал мёбошанд ва суд ҳуқуқ надорад, ки ҳангоми асосноккунии чораи ҷазои интихобшуда ба ҳолатҳое, ки дар қонун нишон дода нашудаанд, ишора намояд.

Дар айни хол, мутобиқи қисми 3 моддаи 61 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида низ мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирифта шаванд.

7. Агар нисбати ҷинояти якум мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузашта бошад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун доғи судӣ барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад ё ин ки бо қонун сазовори ҷазо будани кирдореро, ки шахс қаблан содир намудааст, бартараф шуда бошад, ҳамчунин дар ҳолатҳое, ки агар барои ҷинояти қаблан содир намудааш дар асоси моддаҳои 72, 73, 74, 75, 89 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуда бошад, дар ин маврид аз ҷониби шахс қаблан содир намудани ҷиноят, ба сифати ҳолате, ки ҷазоро вазнин мекунад, ба назар гирифта намешавад.

8. Бинобар он, ки содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, аз рӯи қонун (моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ретсидиви ҷиноят эътироф мешавад, зарур аст, ки ба иртиботи ҳар як парванда мутобиқи моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳое, ки оиди мавҷуд будани доғи судии барҳамнахӯрда ё бардоштанашуда шаҳодат медиҳанду дар асоси онҳо бояд масъалаи ҷой доштан ё ҷои надоштани ретсидиви ҷиноят ҳал карда шавад, бояд таҳқиқ карда шаванд.

Мувофиқи мазмуни моддаи 21 КҶ Ҷумҳурим Тоҷикистон ҳангоми ҳал кардани масъалаи мавҷуд будани ретсидиви ҷиноят аҳамият надорадҳ ки оё ҷинояти қасдонае, ки барои он шахс бо ҳукми охирон маҳкум карда мешавад ё ин ки қаблан маҳкум шудааст, тамом шудааст ё нотамом мондааст ва ҳамчунин оё шахс иҷрокунанда ё шарики ҳар кадоме аз ин чиноятҳо мебошад.

9. Мутобиқи моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ дар маҷмӯи маълумотҳо оиди шахсияти гунаҳгор имконпазир мебошад. Дар ин маврид ҳамчун ҳолатҳои мустасно, аз ҷумла ҳолатҳои бо қонун ба сифати сабуккунандаи ҷазо пешбининишудае, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъияти ҷиноятӣ содиршударо моҳиятан кам мекунанд, низ эътироф карда шуданашон мумкин аст. Андозаи ҷазои аз ҷониби суд бо тартиби зикргардида таъиншуда аз ҳадди поёние, ки бо Қисми умумии КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин намуди ҷазо муқаррар гардидааст кам буданаш номумкин аст.

Дар ҳар ҳолати аз ҳадди поёнии дар қонун пешбинишуда барои ҷинояти мазкур камтар таъин намудани ҷазо ё ин ки гузаштан ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар, суд вазифадор аст дар қисми асосноккунии ҳукм маҳз ҳамон ҳолатҳоеро, ки бо парванда муқаррар шудаанду онҳоро мустасноӣ эътироф намуда, бо назардошти маълумотҳо оиди шахсияти судшаванда дар татбиқ намудани моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асос мегирад, дарҷ намояд.

Ҳангоми татбиқи ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда ба шахсе, ки дар содир намудани якчанд ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, суд метавонад чунин ҷазоро барои яке аз ин ҷиноятҳо ё ин ки дар алоҳидагӣ ба ҳар кадомаш таъин намуда, сипас аз рӯи қоидаҳои моддаи 67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои ниҳоиро муайян намояд.

10. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар моддаи 64 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои махсуси таъин намудани ҷазо барои ҷиноятҳои нотамом: тайёрӣ ба ҷиноят ё суиқасди содир намудани ҷиноят пешбинӣ шудааст. Нотамом мондани кирдори ҷиноӣ бо сабабҳои ба гунаҳгор вобастанабуда то андозае хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро кам мекунад, бинобар ин татбиқи андозаи нисбатан камтари ҷавобгарии сахт имконпазир мегардад, аз ин рӯ, мутобиқи моддаи зикргардида барои тайёрӣ ба ҷиноят мӯҳлат андозаи ҷазо аз нисф, барои суиқасди ҷиноят бошад, аз чор се ҳиссаи мӯҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи Қисми махсуси Қодекси ҷиноятӣ барои ҷинояти тамомшуда гардидааст, зиёд буда наметавонад.

11. Дар моддаи 65 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои таъини ҷазо барои ҷиноятҳои дар шарики содиргардида муқаррар гардидаанд. Дар ин ҳолат ҳангоми таъини чазо бояд:

хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии шахс дар содир намудани он; аҳамияти ин иштирок дар муваффақ шудан ба мақсади ҷиноят; таъсири ӯ ба хусусият ва андозаи зарари расонидашуда ё зарари имконпазир-ба назар гирифта шаванд.

Ҳангоми таъини ҷазо барои ҷинояти дар шарикӣ содиргардида бояд чунин ҳолатҳо ба монанди муносибати байни шарикони ҷиноят, тобеияти яке аз шарикони ҷиноят ба дигарашон ва ғайра низ ба инобат гирифта шаванд, ки ин муайян кардани шарики нисбатан хавфноки гурӯҳро имконпазир месозад.

12. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки дар моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби таъин намудани ҷазо дар ҳолати ҷой доштани намудҳои гуногуни ретсидиви ҷиноят нишон дода шудааст. Ретсидиви ҷиноят ҷазои нисбатан сахтро тақозо менамояд. Мутобиқи қисми дуюми моддаи зикргардида мӯҳлати ҷазо дар холати ретсидиви ҷиноят на камтар аз нисфи мӯҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо на камтар аз чор се ҳиссаи мӯҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ҷиноят дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошаду ин ҳолат аломати таснифкунандаи моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бошад, дар ин маврид ҷазо барои ҷинояти дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок содирнамуда бе назардошти қоидаҳои пешбини намудаи қисми 2 моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

Қоидаҳое, ки дар қисми 3 моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ карда мешаванд, ки агар дар моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди доғи судӣ доштани шахс ҳамчун ба аломати бандубасткунандаи ҷиноят ҳангоми содир намудани ҷинояти нав ишора шуда бошанд (масалан, банди «в» қисми 3 моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди «а» қисми 4 моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Қоидаҳои қисми 3 моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар аломатҳои бандубасткунанда, масалан, ба  такроран содир намудани ҷиноят дахл надоранд.

Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ (моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) суд бояд мутобиқи моддаи 343 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми асосноккунии ҳукм қарори худро оиди татбиқ накардани қоидаҳои қисми 2 моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намояд. Дар ин маврид, дар қисми хулосавии ҳукм танҳо ба моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикисюн бояд ишора шуда бошад.

Дар ҳолатҳое, ки агар барои ҳаракатҳои шахсро бо аломати такроран содир намудани ҷиноят банду баст намудан доғи судии қаблие, ки барҳам нахӯрдааст ё бардошта нашудааст, асос шуда бошад, мутобиқи моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд масъалаи мавҷуд будан ё мавҷуд набудани ретсидив ва намудҳои он ҳал карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо, ҳангоми таъин намудани ҷазо бояд қисми 2 моддаи 66 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарӣ гирифта шавад, агар моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доғи судии шахси ҷиноятсодиркарда ҳамчун аломати бандубасткунанда ишора надошта бошад ва ҳолатҳои мустасноӣ вуҷуд надошта бошанд (моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

13. Ба судҳо лозим аст дархостномаҳои ташкилотҳо ё коллективҳои меҳнатии ҷои кори гунаҳгоронро оиди шартан татбиқ накардани ҷазо ба таври дақиқ баррасӣ намоянд, ҳамчунин масълаи ба ин ташкилотҳо ё коллективҳо барои ислоҳ шудан додани маҳкумшудагонро, ки нисбати онҳо шартан ҷазо татбиқ карда нашудааст, муҳокима намоянд.

Таъин намудани шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки рад кардани қонеъ гардонидани дархостномаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё коллективҳои меҳнатии ҷои кори гунаҳгор дар бораи шартан татбиқ накардани ҷазо бонд дар ҳукм дар асоси ҳолатҳои дар мурофиаи судӣ муқарраршуда асоснок карда шавад.

Шартан татбиқ накардани ҷазо ва ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ аз рӯи дархостноманои онҳо барои ислоҳ шудан додани маҳкумшуда ҳамчунин ҳангоми баррасии парванда ба тариқи кассатсионҳ ё ин ки ба тариқи назоратӣ низ имконпазир аст.

14. Ба судҳо зарур аст нисбати шахсоне, ки кирдори содиркардаи онҳо дорои таркиби ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна мебошанд, масъалаи имконияти бе татбиқ намудани ҷазои ҷиноятӣ ислоҳ кардани онҳо ва дар ҳолати ҷой доштани асосҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани чунин шахсонро мутобиқи моддаҳои 72, 73, 74, 89 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима намоянд.

15. Ба судҳо зарур аст парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои ноболиғонро бо назардошти талаботҳои боби 14 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ва нисбати онҳо таъин намудани ҷазоро пешбинӣ намудааст, баррасӣ намоянд. Бинобар ин, ҳангоми бо татбиқи моддаҳои 64, 67 ва 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани ҷазо ба шахсе, ки ҷиноятро дар синни то ҳаждаҳсолагӣ содир кардааст, бояд ба асос гирифта шавад, ки мӯҳлат ё андозаи ҷазо барои ҷиноятҳои тамомшуда аз мӯҳлат ё андоза бо моддаи 87 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда зиёд буда наметавонад.

Агар аз ҷомеа ҷудо накарда, ба ислоҳ кардани ноболиғон ноил шудан мумкин бошад, судҳо набояд ба беасос ба ноболиғон таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ роҳ диҳанд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи қисми 6 моддаи 87 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад ва агар санксияи моддаи Қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар Қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва мӯҳлатҳои пешбининамудаи Қисми умумии ҳамин Кодекс таъин менамояд.

Бинобар ҳамин таъин намудани ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҳатто дар асоси моддаи 71 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шартан татбиқ накардани ҷазо ба ноболиғе, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир кардааст, номумкин аст.

Дар ҳолати аз ҷониби шахс содир намудани якчанд ҷиноятҳое, ки яке аз онҳо дар синни ноболиғиаш содир шуда бошаду дигарашон дар синни болиғӣ содир шуда бошанд, суд ҳангоми барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъин кардани ҷазо сараввал бо назардошти талаботҳои моддаи 87 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷиноятҳои дар синни то ҳаждаҳсолагӣ содиркарда, баъдан барои ҷиноятҳои пас аз ба балоғат расидан содиркарда ҷазо таъин намуда, ҷазои ниҳоиро аз рӯи муқаррароти моддаи 88 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин менамояд.

16. Ба судҳо зарур аст талаботҳои қонунро, ки таъин намудани ҷазоҳои иловагиро муқаррар намудаанд, ҳатман риоя намоянд, зеро дуруст татбиқ намудани онҳо барои фардикунонии ҷазо имконияти зиёд дода, тадбири муҳими ислоҳ намудани маҳкумшудагон мебошад, ҳамчунин барои пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав мусоидат менамояд.

17. Судҳо вазифадоранд талаботи моддаи 343 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистонро оиди дар қисми баёнии ҳукм мавҷуд будани чунин, аз ҷумла, нишон додани ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ё худ вазнин мекунанд, асосҳое, ки судшаванда аз ҷазо озод карда мешавад, ҳал кардани масъалаҳое, ки бо мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм, таъин намудани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки қонун пешбинӣ намудааст, шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуф гузоштани адои вобастаанд, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, асосҳое, ки аз рӯи онҳо суд ин ё он намуд андозаи ҷазоро интихоб намудааст, ба таври ҷиддӣ иҷро намоянд.

Дар хукм ба ҳар сурат ҷазо бояд тавре муайян шуда бошад, ки ҳангоми иҷрои он оиди намуд ва андозаи ҷазо ягон хел шубҳа ба миён наояд.

18. Ҳангоми баррасии парвандаҳо ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ ба судҳо лозим аст риоя гардидани асосҳои умумии таъини ҷазоро дар вақти баровардани ҳукм, ба вазнини ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда мувофиқ будани ҷазои интихобшуда, риоя гардидани меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки тартиби дар ҳукм нишон додани қарорро дар бораи ҷораи ҷазо ва ҳолатҳои мушаххаси кор, ки дар ин маврид ба инобат гирифта шудаанд, танзим менамоянд, бодиққат санҷида бароянд.

Суди марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ хулосаи суди марҳилаи якумро оиди ҳаҷми айбдорӣ, шакли гуноҳ ё шакли ҳамиштирокии маҳкумшуда дар содир намудани ҷиноят, ҷой доштани ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо нодуруст дониста ва ба иртиботи ин ба ҳукм

тағйиротҳо ворид карда истода (масалан, лаҳзаҳои айбдорӣ ё ин ки як ё якчанд ҳолатҳои вазнинкунандаро хориҷ карда истода, шахсро ёрдамчӣ на ин ки ҳамиҷрокунандаи ҷиноят эътироф намуда истода, дар ҳаракатҳои вай аломатҳои на ин ки суиқасд, балки тайёрӣ ба ҷиноятро муқаррар карда истода), бояд масъалаи нисбати маҳкумшуда кам кардани чораи ҷазоро муҳокима намояд ва инчунин ҳақ дорад бо нитон додани асосҳои чунин қарор онро бетағйир мононад.

19. Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе мунтазам таҷрибан таъини ҷазоро омӯхта ва ҷамбаст намуда, қарорҳову шарҳи таҷрибан судиро бо таҳлили хатогиҳои дар татбиқи қонун роҳдодашуда ва ҳамчунин тарафҳои мусбии фаъолияти судиро дар пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав, ба маълумоти судҳо расонанд.

20. Бинобар қабул гардидани Қарори мазкур, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992, №4 «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» ва аз 11 июли соли 1994, №3 «Оиди рафти иҷрон Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992 ва дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» беэътибор дониста шаванд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**